# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Назаров Муродалӣ Солиҳович дар мавзуи Тафриқабандии минтақавии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ «дар мисоли вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ).**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти** диссертатсияи Назаров Муродалӣ Солиҳович дар мавзуи Тафриқабандии минтақавии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ «дар мисоли вилояти Хатлон» мутобиқ мебошад. Чунки навсозии бонизоми иқтисоди миллӣ дар солҳои охир барои ташакули шароити мусоиди иқтисодиву иҷтимоии замина фароҳам овард, ки меъёри асосии рушди иқтисодии кишвар сатҳи баланди зиндагии аҳолӣ ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз воқеан, сатҳи зиндагӣ самарабахшии меҳнатро дар ҷомеа инъикос менамояд, он ба сифати сарчашмаи дороии миллӣ баромад намуда, нишондиҳандаи раҳоӣ аз буҳрони иқтисодиву иҷтимоӣ мебошад.

Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба бандҳои зерини шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) мувофиқат мекунанд: 1.4.Муаммоҳои ноҳиябандии иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат аз рӯйи меъёрҳои моддӣ ва ғайримоддӣ; 1.5. Трансформатсияи ҳудудӣ-иқтисодӣ, тафриқабандии минтақавии иҷтимоӣ-иқтисодӣ; 1.22. Инкишофи бозори минтақавии меҳнат. Иқтидори меҳнатӣ дар минтақаҳо ва хусусиятҳои идоракунии он мувофиқ мебошад.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия** довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия 10 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 4,2 ҷузъи чопӣ таҳия шудааст, ки аз он 6 мақолааш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф дарҷ гардидаанд. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия дода шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Сохтори диссертатсия дар асоси мақсаду вазифаҳои дар он гузошташуда муайян карда шудаанд. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 9 зербоб, хулосаву пешниҳодот, рӯйхати адабиёти истифодашуда бо фарогирии 172 номгӯй, 16 ҷадвал, 14 расм ва 5 диаграмма иборат буда, дар ҳаҷми 190 саҳифаи чопӣ ҷамъбаст гардидааст.

**Ҳарчанд дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо** бо далелу рақамҳои оморӣ, ҳисоботи мақомоту идораҳои дахлдор вобаста ба мавзуи таҳқиқгардида асоснок карда шудаанд, аммо таҳрирталаб мебошанд.

Дар натиҷаи ташхис муайян карда шуд, ки диссертатсия дорои як қатор камбудиҳо (камбудиҳои имлоӣ, мантиқӣ, носаҳеҳу нофаҳмо будани баъзе калимаву ҷумлаҳо ва ғайра) мебошад:

1. Дар нақшаи диссертатсия баъзе камбудиҳо ҷой доранд, аз қабили тағйир додани номи боби сеюм ва зербобҳои 3.1. ва 3.2. инчунин пешниҳод карда мешавад, ки барои дуруст ба итмом расонидаи диссертатсия дар зербоби 3.3. ислоҳ даровардa шавад.
2. Муқаддимаи диссертатсия ба талаботҳои низомномаи нав ва шиносномаи ихтисос мувофиқ нест. Зарур аст, ки қиммати аввалӣ диссертатсияӣ (муқадима) ба талаботҳои низомномаи нав ва шиносномаи ихтисос мувофиқ карда шавад.
3. Дар муқаддима бояд вазифаҳои таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои ҳимояшаванда мувофиқати байниякдигарӣ дошта бошанд. пешниҳодҳо низ вобаста ба инҳо омода карда шавад. Аммо ин дар кор дида намешавад.
4. Олимони ватание, ки дар аввали рисола қайд карда шудаанд ва онҳо доир ба ин мавзуъ кори илмӣ намудаанд, номашон баъзеашон дар адабиёти истифодашуда дида намешавад ва дар маҷмуъ адабиётҳои тоҷикӣ кам ба назар мерасад.

5. Дар боби дуюм, ки асосан маводҳои таҳлилӣ мебошанд, ҷумлаҳои содда вомехӯранд ва он бояд ба услуби илмӣ мутобиқ карда шавад.

6. Хулосаҳои зербобҳо кутоҳ ва содда оварда шудаанд ва он бояд ба талаботҳои КОА мувофиқ гардонида шавад.

7. Таҳкиқотҳои гузаронидаи илмии муаллифи диссертатсия бояд асоснок карда шуда, натиҷаи он бояд бо модели махсус ҷамъбаст карда мешуд, ки ин дар диссертатсия дида намешавад.

8. Батартибдарории ҷадвалҳо, диаграммаҳо ва расмҳо ба талаботи Низомномаи нави КОА мувофиқ нестанд ва он бояд дуруст карда шавад.

9. Дар матни диссертатсияи докторант хатогиҳои имлоӣ ва сталистикӣ дида мешавад.

Бо назардошти ин, диссертатсияи Назаров Муродалӣ Солиҳович дар мавзуи тафриқабандии минтақавии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ «дар мисоли вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) пас аз бартараф намудан ва ислоҳ намудани эроду камбудиҳои дар боло зикргадида ба марҳилаи оянда роҳ додан мумкин аст.

Муқарриз:

н.и.и. дотсент Искандаров Х.

Имзои Искандаров Х.
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавкиев Э. Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ